ТАҚРИЗИ

роҳбари илмӣ ба рисолаи илмӣ–таҳқиқотии Амирализода Насрулло Неъматулло дар мавзуи "Методикаи истифодаи моделҳо дар ҳалли масъалаҳои геометрияи мактабӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.02 – Назария ва методикаи таълими фанҳои математикӣ (таҳсилоти умумӣ))

Мубрамии мавзуи таҳқиқот. Шароити муосир дигаргуниҳои амиқро дар соҳаҳои гуногуни илму техника тақозо менамояд. Маҳз моделиронӣ, ки дар амалисозии ингуга таҳаввулотҳо нақши муҳим мебозад, асоси мавзуи таҳқиқотиро ташкил медиҳад. Дар натиҷаи татбиқ намудани усулҳои моделиронӣ ба дастовардҳои муҳим муяссар гардидан мумкин аст. Истифодаи моделиронӣ дар геометрия дар геометрия дар ҳалли масъалаҳои актуалии ин фан мавқеи калидӣ дорад.

Хирадмандию дурандешии сарвари давлат имрӯзҳо имконият намедиҳад, ки мақому манзалати омӯзгорон дар ҷомеаи мутамаддин аз назарҳо дур монад. Сарвари давлат зикр менамояд, ки миллати соҳибтамаддуни мо аз қадим то замони муосир соҳиби хазинаи бепоёни илму маърифат будем, ҳастем ва кӯшиш ба харҷ медиҳем, ки бо тарбияи дурусти наслҳои минбаъда абадан бимонем.

Қобили зикр аст, ки ҳукумати мамлакат ҳамасола ба таълиму тарбияи насли наврас таваҷҷуҳи бештар намуда, дар ба камолрасонии ояндагони миллат мақому манзалати омӯзгоронро аввалиндараҷа донистааст. Тарбияи ворисони сазовори ояндасоз тақозо мекунад, ки онҳо дорои донишҳои замонавӣ ва таффакури навин бошанд.

Роҳбарону кормандони соҳаи маорифро зарур аст, ки дар партави пайёми солонаи сарвари давлат, ки 26–декабри соли 2019 ироа гардида буд, раванди ҷаҳонишавӣ дар назди муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ вазифаҳоеро пеш мегузорад, ки амали шудани онҳо аз қобилияту эҷодкории омӯзгорон, таваҷҷӯҳи волидон ва ҷомеа вобастагӣ дорад.

Бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 январи соли 2020, №1445 ки он мутобиқи моддаи 69 Конститутсия Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо мақсади тақвият бахшидан ба раванди омӯзиши илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ, инчунин, тавсеаи тафаккури техникии наврасону ҷавонон муқаррар карда шудааст. Солҳои 2020 - 2040 "Бистсолагии омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф" эълон намуд.

Имрӯзҳо ҷузъи таркибии сохтори Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистонро сатҳи азхудкунии инноватсионии толибилмон фаро мегирад, зеро фаъолияти пурраи инсонро бештар истеҳсолоти ҷамъиятию шахсӣ, бозсозии инноватсионӣ ва инкишофи маданияти умумибашарӣ вусъат мебахшад, ки ин ҳама аз азхудкунии дониш сарчаша мегирад.

Дар ҳалли масъалаҳои методикаи таълими геометрия истифодаи воситаю усулҳои нави таълимӣ яке аз масъалаҳои мубрам ба ҳисоб рафта, асоси онро моделҳо ва усулҳо ташкил медиҳад.

Омӯзишу таҳлилҳо машаххас намуд, раванди таълим он вақт самаранок хоҳад буд, ки агар дар раванди он шавқу завқи толибилмон вобаста ба усулҳои нави таълим ба инобат гирифта шавад [191].

Дар раванди таҳлилу омӯзишҳо мо бештар ба баррасии масъалаи истифодабарии моделҳо ҳангоми ҳалли масъалаҳои геометрӣ таваҷҷуҳ зоҳир намудем ва машаххас кунонидем, ки хонандагон метавонадад бо ин усул, намудҳои гуногуни масъалаҳои геометрияи мактабӣ дар як мудати кӯтоҳ ба осонӣ ҳал намоянд.

Мусалам аст, ки ҳалли масъалаҳо дар таълими фанни геометрия ҷойи намоёнро ишғол менамояд, зеро бе ҳалли масъалаҳо фанни геометрия пурра аз худ карда намешавад.

Таҷрибаи педагогии омӯзгорони фанни геомерия ва таҳқиқоти олимон нишон медиҳад, ки омӯзиши ҳалли масъалаҳои геометрӣ одатан дар шакли стандартӣ ва монанд ба хонандагон омӯзонида мешавад, ки

ин усул барои толибилмон нофаҳмо буда, он боиси душвор гардидани ҳамагуна масъалаҳои геометрӣ мегардад. Ҳангоми дучор шудан ба ин гуна типпи масъалаҳо хонандагон бисёри вақт чӣ тавр ҳал кардани онро сарфаҳм нарафта аз ҳалли масъалаҳо худдори мекунанд.

Қисми зиёди масъалаҳои методикаи таълими геометрияи мактабӣ ҳалли худро наёфтааст. Сабаб дар он аст, ки методология ҳамчун қоида танҳо ба чунин савол ҷавоб медиҳад: "Мушкилиҳои алоҳидаро чӣ тавр ҳал кардан мумкин аст, ки он ба омӯхтани масъалаҳои мушкил равона гардад".

Дар таҳқиқоти худ методи моделрониро, ки яке аз методҳои муҳимтарини таълим дар омӯзиши геометрия ба ҳисоб меравад мавриди баррасӣ қарор додем.

Амирализода Насрулло Неъматулло соли 1999 Донишгоҳи давлатии омӯзгории шаҳри Тоҷикистон ба номи Қ.Ш. Ҷураев (ҳозира ДДОТ ба номи Сатриддин Айнӣ) – ро аз рӯйи ихтисоси математика хатм намуда, аз соли 2022 то ин ҷониб ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи математика ва методикаи таълими они Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ фаъолият намуда истодааст.

Амирализода Н.Н. кори илмӣ–таҳқиқотии хешро аз соли 2022 мавриди таҳқиқ қарор дода, диққати ӯро бештар ҷабҳаҳои методикаи истифодаи моделҳо дар ҳалли масъалаҳои геометрияи мактабӣ ҷалб намуд.

Сохтор ва ҳачми диссертатсия–диссертатсия аз муқаддима, се боб, тавсифи умумии таҳқиқот, шаш зербоб хулосаҳои умумӣ, натиҷаҳои илмӣ–таҳқиқотӣ, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо, номгӯи адабиёт, феҳристи сарчашмаҳои истифодашуда, ва аз феҳристи интишороти илмии довталаб иборат бӯда, фарогири 197 саҳифаи матни компютери мебошад. Диссертатсия бо матни Microsoft Word ҳуруфчини шуда, иборат аз 73 расм, 3 диограмма, 71 ҷадвал ва 175 номгӯйи адабиёт мебошад.

Дар муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши масъалаи илмӣ арзёбӣ гардида, объект ва мавзуи таҳқиқ, ҳадаф ва вазифаҳои он, асосҳои назарӣ ва методологӣ, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти назарявӣ ва амалӣ муайян карда шудаанд.

Боби якуми диссертатсия **«Шарҳи мафҳумҳои "Модел" ва "Моделсозӣ", моҳияти масъалаҳои геометрӣ ва усулҳои онҳо»** номгузорӣ карда шуда, аз ду зербоб иборат мебошад, ки ба таҳлили иҷтимоӣ, педагогӣ, психологӣ ва истифодаи моделҳо дар ҳалли масъалаҳои геометрӣ бахшида шудааст.

Боби дуюми диссертатсия «Истифодаи моделҳо дар ҳалли масъалаҳои геометрияи мактабӣ» ном гирифта, аз ду зербоб иборат мебошад. Дар он мафҳуми модел ва моделиронӣ – ҷузъҳои моделиронии математикӣ бо методҳои геометрӣ мебошанд, васеъ таҳлил карда шудааст. Чи хеле ки хонандагон дар сохтани курси геометрия аз методи аксиоматикӣ истифода мебаранд, онҳо метавонанд дар мисоли моделсозии шаклҳои геометрӣ бо методи моделиронӣ шиносоӣ пайдо кунанд. Расмҳое, ки дар китобҳои дарсӣ оварда шудаанд, аз оне ки мо модел меномем, фарқ доранд. Ин фарқиятро метавон дар мисоли гуногунии нақшаи метро бо харитаи маҳал собит намуд.

Боби сеюми рисолаи илмӣ–таҳқиқотӣ ба таҳлили «Татбиқи усулҳои моделиронӣ дар ҳалли масъалаҳои геометрӣ» равона гардидааст, ки он аз ду зербоб иборат мебошад. Дар он мафҳуми Геометрия яке аз фаслҳои илмии математика буда, қонуниятҳои амалкунандаи он тобеъ мебошад. Математика ба қавли академик В.И. Арнолд ба гурӯҳи илмҳои табиӣ мансуб буда, абстраксия дар он афзалият дорад. Ҳаргуна созишҳо ва тасвирҳо ба геометрия, дар маҷмуъ ба математика мансуб аст.

Дар он натиҷаи таҳлилҳои гузаронидани озмоиши педагогӣ доир ба методикаи истифодаи моделҳо дар ҳалли масъалаҳои геометрияи мактабӣ дар синфҳои 7–11– и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №6 (омӯзгор Пирназаров Саидшо), гимназияи давлатӣ, ҷамоати шаҳраки Ховалинги ноҳияи Ховалинг (омӯзгор Давлатов Манзар), муассисаи

таҳсилоти миёнаи умумии №9 (омӯзгор Ниёзов Ҷонмаҳмад) ва литсейи №1–и ба номи Исмоили Сомонии шаҳри Кӯлоб (омӯзгор Нодирзода Комил)–ро солҳои 2022–2025 натиҷагирӣ намуда, натиҷаи корҳои илмӣ – таҳқиқотии хешро ба анҷом расонидааст.

Унвонҷӯ ҳамчун муҳаққиқи масъулиятшинос ва эҷодкор имтиҳонҳои ҳадди ақали нозмадиашро бо муваффақият супоридааст.

Натиҷаҳои ба даст омадаи диссертатсия дар ҷаласаю семинарҳои илмӣ, конференсияҳои илмӣ–назариявии донишгоҳӣ, конференсияҳои илмӣ–назариявии ҷумҳуриявию байналмилалӣ мавриди арзёбӣ қарор гирифтааст. Алалхусус, унвонҷӯ ҳангоми гузориши муфассали методикаи истифодаи моделҳо дар ҳалли масъалаҳои геометрияи мактабӣ дар раванди супоришҳои мустақилона маъруза намуда, мавқеи масъалаҳои методии татбиқи тасвирҳо (моделҳо) дар курси геометрияи мактабиро ба таври илмӣ асоснок намудааст.

Мақолаҳои илмӣ методии нашрнамуди Амирализода Н.Н. 12–номгӯйро дар бар мегиранд, ки дар онҳо мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос ёфтааст, аз ҷумла 2–дастури методӣ, 4–мақолаи тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Россия, 5–мақолаи байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ.

Амирализода Н.Н. дар байни ҳамкорон ва донишҷӯён сазовори обрӯ ва эътибори хоса мебошад. Дар давраи омодасозии диссертатсия муҳаққиқ теъдоди зиёди адабиёти илмӣ, педагогӣ, психологӣ, риёзӣ, таърихӣ ва математикиро оид ба мавзуи баррасишаванда омӯхта, мустақилона таҳлил намудааст.

Хулоса, диссертатсияи Амирализода Н.Н. дар мавзуи “Методикаи истифодаи моделҳо дар ҳалли масъалаҳои геометрияи мактабӣ” ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июли соли 2021, №67) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комисияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз 31 марти соли 2021, №3) ҷавобгӯ буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.02 – Назария ва методикаи таълими фанҳои математикӣ (таҳсилоти умумӣ)) барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

Роҳбари илмӣ:
н.и.п., дотсент Сироҷиддини Д.

Суроға: 735360, ш. Кӯлоб, маҳалаи М. Раҳимзода 21/б. Тел : 988 – 91 – 17 -01, почтаи электронӣ: davlatal @bk.ru.

Имзои Сироҷиддини Давлаталиро – *ро тасдиқ менамоям.*

Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллохи Рӯдакӣ. Амиров Ф.А.

Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Хатлон, ш. Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров 16
Тел.: (833-22) 2-35-06, 2-36-26
Факс: (833-22) 3-35-06
Сомона: www.kgu.tj
E-mail: info@kgu.tj

«10» 02 **соли 2025**